## ПРОТОКОЛИ №102

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

13 майи соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доранд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 28 марти 2025 с., №122/шд) тасдиқ шудааст, 12 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. Кворум ҳаст, аз ин рӯ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз намояд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Ягон таклифу пешниҳод ҳаст? Нест. Якдилона қабул гардид.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Ба ҳимоя тавсия додани кори диссертатсионии Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло дар мавзуи «Таҳқиқи баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи намуди Эйлер ва татбиқи онҳо дар ҳалли муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.3. Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ.

**Баромад намуд:** Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ Илолов М.И. ва раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Сафаров Ҷ. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад намуданд.

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло дар мавзуи «Таҳқиқи баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи намуди Эйлер ва татбиқи онҳо дар ҳалли муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи

ихтисоси 1.1.3. Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Шамсуддинов Файзулло Мамадуллоевич -** доктори илмҳои физикаю математика, и.в. профессори кафедраи анализи математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав;
- **Саидов Бахтиёр Бобокалонович -** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар таъин карда шавад:

Институти математика ба номи А. Ҷураеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн кардани автореферат дар ҳаҷми 100 адад иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 17 – уми июли соли 2026, соати 9:00 таъин карда шавад.

Қарор якдилона қабул шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ** **М. Илолов**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика** **А.Б. Ғафоров**